International
Labour
Organization

# САҲМИ СБМ-БББМК ДАР **БАРҲАМ ДОДАНИ** ШАКЛҲОИ БАДТАРИНИ МЕҲНАТИ **КӮДАК** ДАР ТОҶИКИСТОН

2005–2013

Гурӯҳи дастгирии техникӣ оид ба масоили меҳнати шоиста ва Дафтари СБМ барои кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ
Барномаи байналмилалӣ оид ба барҳам додани меҳнати кӯдак (БББМК)

© Созмони байналмилалии меҳнат 2014

Нашри аввал, 2014

Матолиби чопшудаи Дафтари байналмилалии меҳнат мутобиқи Протоколи 2 Конвенсияи умумичаҳонӣ дар бораи ҳуқуқи муаллиф ҳифз мегарданд. Аммо бе гирифтани иҷозат, бо шарти нишон додани манбаъ метавон матнҳои кӯтоҳеро аз онҳо чун иқтибос истифода намуд. Барои соҳиб гаштан ба ҳуқуқи иқтибосорӣ ё тарҷума ба нишонии ILO Publications (Rights and Permissions), International Labour Office, CH-1211, Geneva 22, Switzerland, ё ба нишонии электронии pubdroit@ilo.org. муроҷиат кардан мумкин аст. Ин гуна муроҷиатҳоро Дафтари байналмилалии меҳнат мақбул медонад.

Китобхонаҳо, муассисаҳо ва истифодабарандагони дигаре, ки дар ташкилотҳои моликияти зеҳнӣ қайд шудаанд, мувофиқи иҷозатномаҳои (литзенсияҳои) ба ин мақсад барояшон додашуда, метавонанд аз ин матолиб нусха бардоранд. Барои ёфтани ташкилотҳои моликияти зеҳнии кишвари худ аз сайти www.ifrro.org истифода кунед.

---

СБМ-БББМК

*Саҳми СБМ-БББМК дар барҳам додани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдак дар Тоҷикистон. Солҳои 2005–2013* / Барномаи байналмилалӣ оид ба барҳам додани меҳнати кӯдак (БББМК), Гурӯҳи дастгирии техникӣ оид ба масоили меҳнати шоиста ва Дафтари СБМ барои кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ – Душанбе: СБМ, 2014

ISBN: 978-92-2-828478-2 (Тафсири чопӣ); 978-92-2-828479-9 (Web PDF)

International Labour Office; International Programme on the Elimination of Child Labour; ILO DWT and Country Office for Eastern Europe and Central Asia

child labour / children / rights of the child / role of ILO / technical cooperation / IPEC / Tajikistan

13.01.3

Ба забони англисӣ низ дастрас аст: ILO-IPEC Contributions to eliminate the worst forms of child labour in Tajikistan 2005–2013 (ISBN 978-92-2-128479-6), Dushanbe, ILO,2013: http://www.ilo.org/ipec/Informationresources/WCMS_IPEC_PUB_24458/lang--en/index.htm Ба ба забони руси дастрас мебошад: Вклад МОТ-ИПЕК в искоренение наихудших форм детского труда в Таджикистане 2005–2013 гг. (ISBN 978-92-2-428479-3), Душанбе, МОТ, 2014.

ILO Cataloguing in Publication Data

---

## Аз муаллифон

Ин ҳисобот дар доираи лоиҳаи «Барҳам додани меҳнати кӯдак дар Осиёи Марказӣ – аз уҳдадориҳо ба амалҳо» аз тарафи идораи СБМ-БББМК дар Душанбе бо дастгирии техникии мутахассиси СБМ-БББМК аз мақарри (штаб –квартираи) СБМ-БББМК бо фарогирии Осиёи Марказӣ таҳия гардидааст.

Нашр ҳисобот аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Федеративии Олмон маблағгузорӣ шудааст (Лоиҳаи RER/11/51P/FRG).

Ҳисобот нуқтаи назар ё сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Федеративии Олмонро инъикос намекунад. Номбар намудани номҳои ширкатҳо, маҳсулоти бозаргонӣ ва ташкилотҳо маънии маъқул донистани фаъолияти онҳоро надорад.

---

Тибқи равиши кори дар СММ қабулгардида, маводи дастур, номҳои овардашуда баёни ин ё он ақидаи Дафтари байналмилалии меҳнат дар бораи вазъияти ҳуқуқии ягон кишвар, минтақа ё қаламрав ё хукуматҳои онҳо, ё дар бораи таҷдиди худуди сарҳадии онҳо нест. Масъулияти ақидаҳои дар мақолаҳои имзодор баёншуда, таҳқиқот ва намудҳои дигари асарҳо танҳо бар дӯши муаллифони онҳост ва чоп шудани ҳисобот маънои аз тарафи Дафтари байналмилалии меҳнат дастгирӣ ёфтани ақидаҳои дар он баёншударо надорад.

Номбар намудани номи ширкатҳо, маҳсулоти бозаргонӣ ва равандҳо маънии аз тарафи Дафтари байналмилалии меҳнат маъқул донистани фаъолияти онҳоро надорад. Ҳамчунин номбар нашудани ширкатҳои алоҳида, маҳсулоти бозаргонӣ ё равандҳо шаҳодати писандида набудани онҳо нест.

Маводи нашршудаи Бюрои байналмилалии меҳнат ва тафсирҳои электронии онҳоро дар мағозаҳои калони китоб ё идораҳои маҳаллии СБМ дар бисёр кишварҳо, ё бевосита аз ношири маводи СБМ, Дафтари байналмилалии меҳнат, СН – 1211 Женева 22, Швейтсария дастрас намудан мумкин аст. Каталогҳо ё рӯйхати маводи нав инчунин дастрасанд, аз нишонии дар боло овардашуда ё ба воситаи нишонии электронии pubvente@ilo.org ё дар сайти: www.ilo.org/publns онҳоро метавон бепул дарёфт кард.

Аз сайти интернетии мо истифода баред: www.ilo.org/ipec.

---

Дар Россия нашр шудааст.

# МЕҲНАТИ КӮДАК ДАР ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон аз ҷумлаи он кишварҳои Осиёи Марказӣ аст, ки шаклҳои бадтарин меҳнати кӯдак (ШБМК) васеъ паҳн шудаанд. Кӯдакон асосан дар бахши корҳои сохтмонӣ, кишоварзӣ (майдонҳои пахта, тамокупарварӣ, шолизор) ва бахши хизматрасонӣ (шустушӯи мошинҳо, тозакунии пойафзол, аробакашӣ дар бозор ва ғ.) кор мекунанд. Васеъ паҳншавии ШБМК барои бехатарӣ, таҳсилу маълумотгирӣ, саломатӣ ва некӯаҳволии куллии бачаҳо оқибатҳои фалокатовар дорад.

Тибқи маълумоти таҳқиқи неруи кории[1] дар соли 2009 анҷомёфта, дар давраи солҳои 2004–2009 шумораи кӯдакони синни 12–14, ки дар як ҳафта то 1 соат кор мекунанд, 33,3 дарсад зиёд шуда, ба 179,6 ҳазор расидааст (34,4 дарсад аз ҳисоби умумии кӯдакони дар ин синну сол буда). Аз онҳо 52 ҳазор кӯдак (10 дарсад) дар як ҳафта беш аз 20 соат кор мекарданд. Мувофиқи ин таҳқиқ меҳнати кӯдак асосан дар соҳаи кишоварзӣ (98 дарсад), соҳаи савдо (0,9 дарсад), саноати коркарди маҳсулот (0,5 дарсад) ва дар соҳаи сохтмони гражданӣ (0,5 дарсад) истифода мешавад.

Баҳодиҳии фаврии дар минтақаҳои шаҳрӣ ба масъалаҳои меҳнати кӯдак бахшидашудаи СБМ-БББМК дар соли 2005[2] нишон дод, ки бештари бачаҳо ба сифати аробакаш, баркаш, мошиншӯй, ёрирасонҳо дар бозор, фурӯшандаҳои халтаҳои полиэтиленӣ, ивазкунандаҳои пул барои ронандаҳои мошинҳои хурди боркаш ва нақлиёти ҷамъиятӣ дар истгоҳҳои автобус кор мекунанд. Бо таъмири хурд машғуланд ё ҷойи корашон майдонҳои сохтмон аст. Онҳо корҳои беихтисосро иҷро мекунанд, асосан дар нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ (НФС) ёрирасонанд, аз ҷумла духтаракони 14–15 – сола. Духтаракон асосан дар ошхонаву қаҳвахонаҳо ба сифати фаррош, пешхизмат, зарфшӯй меҳнат мекунанд.



Ҷамъоварии ҳосил дар боғи меваи оилавӣ. Вилояти Суғд, Тоҷикистон, с. 2009

1 Таҳқиқи неруи корӣ дар Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009.

2 Баҳодиҳии фаврии ба масъалаҳои меҳнати кӯдак бахшидашудаи СБМ-БББМК дар ноҳияҳои шаҳрӣ, с. 2005.

# АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ МЕҲНАТИ КӮДАК

Ҳукумати Тоҷикистон Конвенсияҳои СБМ – и ба меҳнати кӯдак дахлдошта, инчунин як қатор ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии байналмилалиро ба тасвиб расонда, ӯҳдадорӣ гирифтааст, ки оид ба барҳам додани меҳнати кӯдак дар сатҳи миллӣ чораҳои зарурӣ, аз ҷумла чораҳои лозимаи қонунгузорӣ ва сиёсиро биандешад ва амалӣ созад.

Конвенсияҳо, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расонидааст ва василаҳои қонунгузории миллӣ дар зер оварда шудаанд.

| САНАДҲОИ ҲУҚУҚИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ | САНАИ БАИМЗОРАСОНӢ |
|---|---|
| Конвенсияи СБМ аз соли 1973 дар бораи синни ҳадди ақалли бо кортаъминкунӣ (№ 138) | 26 ноябри с.1993 |
| Конвенсияи СБМ аз соли1999 дар бораи шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдак (№ 182) | 8 июни с. 2005 |
| Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқи кӯдак (1989) | 26 октябри с.1993 |
| Протоколи ихтиёрӣ (факультативӣ) ба КҲК (2000) дар бораи ҷалби кӯдакон ба задухӯрдҳои мусаллаҳона | 5 августи с. 2002 |
| Протоколи ихтиёрӣ (факултативӣ) ба КҲК (2000) дар бораи фурӯхтани кӯдакон, фоҳишагии бачаҳо ва порнографияи бачагона | 5 июли с. 2002. |

| ҚОНУНГУЗОРИИ МИЛЛӢ | |
|---|---|
| Конститутсияи (Сарқонуни) Тоҷикистон (1994) | Мувофиқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон (6 ноябри 1994 қабул шудааст) модар ва кӯдак таҳти ҳимояи махсуси давлат қарор доранд. Меъёри ҷории Конститутсия кафолат медиҳад, ки Тоҷикистон стандартҳои байналмилалии ҳимояи кӯдакро, ки конвенсияҳои байналмилалӣ муқаррар намудаанд, ба кор бурда метавонад, ки аз тарафи давлат ба хотири манфиатҳои беҳтарини кӯдакон пазируфта мешаванд. |
| Кодекси меҳнат (с.1997) | Кодекси меҳнат қонуни асосии танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатӣ ва қисмати асосии қонунгузорӣ дар бахши меҳнати кӯдак ва шуғли ҷавонон мебошад. |
| Кодекси оила (с. 2006) | Мақсади асосии Кодекси оила (дар таҳрири № 183 аз 29 апрели 2006) амалисозии ҳуқуқи кӯдак ба ҳимоя, зиндагӣ ва тарбия дар хонавода мебошад. |
| Кодекси ҷиноятӣ (1999) | Кодекси ҷиноятӣ (№ 574 аз 21 майи с. 1999) ба кӯдакон ва ҷавонон ҳимояи махсусро аз ҷиноят муқобили онҳо, кафолат медиҳад, инчунин чораҳои ҳимояи кӯдакон ва ҷавононро аз иштирок дар ҳодисаҳои хатарнок кафолат медиҳад / зиндагӣ дар вазъи хатарнок, одамрабоӣ / хариду фурӯши одамон, муздурӣ бо мақсади истисмор, ҷалби кӯдакон бо мақсади содир намудани ҷиноят, фурӯхтан ё хариду фурӯши ғайриқонунии кӯдакон. |

# АСОСҲОИ НИҲОДИИ МЕҲНАТИ КӮДАК

Дар Тоҷикистон дар бахши меҳнати кӯдак асосҳои ниҳодӣ ба вуҷуд оварда шудаанд. Асосҳои ниҳодӣ инҳоро дарбар мегиранд:

- **Шӯрои миллии ҳамоҳангсозӣ оид ба барҳам додани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдак** (қаблан Гурӯҳи кории миллӣ оид ба барҳам додани меҳнати кӯдак (ГКМБМК), ки дар соли 2007 таъсис ёфта буд) мувофиқи Қарори № 102 – и вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 28 июли соли 2012 таъсис ёфта буд. Шӯро ҳамаи фаъолиятро оид ба барҳам додани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдак дар сатҳи миллӣ дар асоси қоидаҳои Конвенсияҳои СБМ № 138 ва № 182 ҳамоҳанг мекунад.
- **Бахши мониторинги меҳнати кӯдак (БММК)** соли 2009 таъсис ёфта буд. Он таҳти назорати ВММҲА қарор дорад. Бахши ММК вазифаи таҳия ва татбиқи системаи мониторинги меҳнати кӯдакро бар дӯш дорад. Система тафтиши давра ба давраи ҷойҳоеро, ки дар он ҷо эҳтимоли истифодаи меҳнати кӯдак ҳаст ва баъдан равона кардани кӯдаконро барои дарёфти алтернативаҳои баробарарзиш дарбар мегирад. Бахши ММК ба сифати котиботи Шӯрои миллии ҳамоҳангсозӣ оид ба барҳам додани меҳнати кӯдак амал мекунад. Бахши ММК оиди банақшагирӣ ва шарҳу хулоса мунтазам ҷаласаҳо ташкил намуда, байни намояндагони Шӯрои миллии ҳамоҳангсозӣ ва дигар тарафҳои манфиатдор мубодилаи иттилоотро таъмин месозад.
- **Зершуъба оид ба масъалаҳои меҳнати кӯдак** дар назди шуъбаи муҳофизати меҳнати Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон амал мекунад. Зершуъба чун марказ оид ба масоили кӯдакон барои иттифоқҳои касаба фаъолият мебарад ва чораву тадбирҳои иттифоқҳои касабаро оид ба барҳам додани меҳнати кӯдак дар Тоҷикистон ҳамоҳанг мекунад.
- **Кумитаҳои мониторинги меҳнати кӯдак дар шаҳрҳои Душанбе ва Исфара** тибқи Қарори раиси шаҳри Душанбе (02/14/2012) ва раиси шаҳри Исфара (03/13/2012) таъсис ёфта буданд. Кумитаҳо роҳбарии техникии чараёни мониторингро ба амал меоранд, оид ба равона сохтани кӯдакони гурӯҳи осебпазир ба хизматрасониҳои лозима қарор қабул мекунанд ва дар муайянсозии ШБМК иштирок менамоянд.
- **Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдакон** соли 2001 таъсис ёфта, чун мақоми доимии байниидоравии машваратӣ масъули ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар сатҳи марказӣ ва маҳаллӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ, шарикони иҷтимоӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва ширкатҳои хусусӣ мебошад, ки ба татбиқи қонунҳоиТоҷикистон ва риояи уҳдадориҳои байналмилалӣ дар мувофиқат бо Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқи кӯдак ва дигар санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи кӯдак равона шудааст.
- **Шуъбаҳо оид ба ҳуқуқи кӯдакон** дар назди Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак дар чор ноҳияи шаҳри Душанбе, вилоятҳои Суғд ва Хатлон дар сатҳҳои минтақавӣ ва ноҳиявӣ амал мекунанд ва сиёсати давлатиро оид ба масоили ҳимояи кӯдакон амалӣ мегардонанд. Вазифаи онҳо таъмини риояи манфиатҳо, ҳуқуқ ва озодии кӯдакон мебошад.
- **Комиссияи байниидоравӣ оид ба мубориза алайҳи хариду фурӯши одамон** соли 2005 аз тарафи Ҳукумати Тоҷикистон дар назди Вазорати корҳои дохилӣ бо мақсади омӯзиши мушкилот ва масоили хариду фурӯши одамон, тарҳрезӣ ва таҳияи тавсияномаҳо оид ба пешгирии он таъсис дода шудааст.
- **Шуъба оид ба ҳифзи иҷтимоии оила ва кӯдакон** масъули масоили ба вуҷуд овардани системаи ҷомеи (комплексии) дастгирии модару кӯдак, инчунин ҳалли масъалаҳои оила ва кӯдакон мебошад.

# СТРАТЕГИЯИ СБМ-БББМК ДАР ТОҶИКИСТОН

Барномаи байналмилалии СБМ оид ба барҳам додани меҳнати кӯдак (СБМ-БББМК) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2005 бо мақсади расонидани ёрии техникӣ дар татбиқи Конвенсияи СБМ аз соли 1973 дар бораи синни ҳадди ақалли қабул ба кор (№ 138) ва Конвенсияи СБМ аз соли 1999 дар бораи манъ намудани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдак ва андешидани чораҳои фаврӣ барои барҳам додани онҳо (№ 182) амалӣ мегардад. Фаъолияти СБМ-БББМК дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Вазорати меҳнати ИМА ва Ҳукумати Олмон дар доираи лоиҳаи минтақавии «Барҳам додани мехнати кӯдак дар Осиёи Марказӣ – аз ӯҳдадориҳо ба амалиёт» (PROACT-CAR) маблағгузорӣ мегардид, ки дар Қазоқистон ва Қирғизистон низ татбиқ мешуданд.

Стратегияи СБМ-БББМК мувофиқсозии тадбиру чораҳоро дар сатҳи сиёсӣ, бо мақсади фароҳамоварии шароити мусоид барои фаъолият дар бахши меҳнати кӯдак, инчунин кор дар сатҳи ҷамоатҳои маҳаллӣ, ки ба расонидани хизматҳо нигаронида шудаанд, дар назар дорад. Самтҳои афзалиятноки фаъолияти СБМ-БББМК дар кишвар дар чорчӯби Нақшаи глобалии амалҳо (аз сӯи Шӯрои маъмурии СБМ дар соли 2006 қабулшуда) муайян мешавад. Ин нақша мақсадҳои дар сатҳи байналмилалӣ мувофиқашудаи барҳам додани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакро то соли 2016 дар бар мегирад. Ғайр аз ин афзалиятҳои лозимаи фаъолияти СБМ-БББМК аз тарафи Харитаи Гаагавии роҳ[3] ва Барномаи кишварии меҳнати шоиста дар Тоҷикистон муайян мегарданд.

### Самтҳои асосии фаъолияти СБМ-БББМК

1. Ҳампайвандии (ҳамгироии) масоили меҳнати кӯдак ба санадҳо ва сохторҳои миллии ҳуқуқӣ ва сиёсӣ;
2. Васеъ намудан ва тақвият додани манбаъҳои дониш дар бахши ШБМК;
3. Қавигардонии нерумандии мансабдорони давлатӣ, кормандон ва кордеҳон, созмонҳои ҷамъиятӣ;
4. Боло бурдани дараҷаи огаҳии ҷомеаи васеъ дар бораи мушкилоти меҳнати кӯдак;
5. Расонидани хизматҳои бевосита ба кӯдакони коргар ва кӯдакони гурӯҳи осебпазир, аз ҷумла амалӣ намудани системаи мониторинги меҳнати кӯдак (СММК) ва мусоидат ба шуғли ҷавонон.



Мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кӯдакони коргаре, ки дар доираи барномаи СММК шиносой карда шудаанд. Душанбе, с. 2012.

[3] Харитаи роҳ барои ба даст овардани мақсади барҳам додани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдак то соли 2016 аз тарафи Конференсияи глобалии Гаага оид ба меҳнати кӯдак қабул шуда буд (майи с. 2010)

# ҲАМПАЙВАНДИИ (ҲАМГИРОИИ) МЕҲНАТИ КӮДАК БА ЧОРЧӮБҲОИ ҲУҚУҚӢ ВА СИЁСӢ

**Аввалин Нақшаи миллии амалиёт оид ба огаҳсозӣ ва барҳам додани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдак дар Тоҷикистон барои солҳои 2013–2020** бар асоси машваратҳои васеъ бо тарафҳои асосии манфиатдор дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ таҳия шудааст. Он ба Ҳукумат, иттифокҳои касаба ва кордеҳон салоҳияти татбиқи чорабиниҳоеро медиҳад, ки ба огаҳӣ ва барҳам додани ШБМК дар Тоҷикистон равона гардидаанд.

**Нақшаи амалиёти минтақавӣ оид ба барҳам додани меҳнати кӯдак барои вилояти Суғд (қисмати шимоли мамлакат) барои солҳои 2011–2014** аз тарафи ҳукумати вилояти Суғд моҳи ноябри соли 2010 тасдиқ шуда буд. Барои сохторҳои соҳибкорӣ, идораҳои молияи минтақавӣ ва идораҳои минтақавӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак, дар соли 2011 300 000 сомонӣ[4] ҷудо шуда буд. Самтҳои асосии фаъолият инҳо мебошанд: боло бурдани дараҷаи огаҳсозӣ дар бораи мушкилоти меҳнати кӯдак, пешгирии меҳнати кӯдак, ҳимояи кӯдакон, бозгардонии ҳайсияти кӯдакон, аз шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдак берун овардани (хориҷ намудани) онҳо.

**Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012–2020** соли 2011 бо фармони № 277 Ҳукумати Тоҷикистон тасдиқ шуда буд. Стратегия воситаи мусоидат ба болоравии иқтисодиёт ва баланд шудани сатҳи шуғл мебошад. Бо дастгирии БББМК масъалаи барҳам додани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдак ба Стратегия ҳамгиро (ҳампайванд)

гардонида шуда буд.

**Барномаи давлатии ҷомеи (комплексии) мубориза алайҳи хариду фурӯши одамон барои солҳои 2011–2013** аз сӯи комиссияи байнидавлатӣ оид ба мубориза алайҳи харидуфурӯши одамон таҳия шуда, 3 марти соли 2011 бо Фармони № 113 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида буд. Мақсадҳои барнома барҳам додани меҳнати маҷбурӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва пешгирии хариду фурӯши кӯдакон мебошад.

Мақсади **Нақшаи миллии амалиёт оид ба ислоҳоти системаи додгустарии ювеналӣ (адолат барои наврасон) дар солҳои 2010–2015**, мувофиккунонии қонун, сиёсат ва амалия дар соҳаи додгустарии ювеналӣ бо меъёрҳову стандартҳои байналмилалӣ бо мақсади ба вуҷуд овардани система барои кӯдакони бо қонун дар низоъбуда мебошад. Вазифаи ин система таъмини муносибати лозима бо кӯдакон, эҳтироми ҳуқуқу шоистагии онҳо, пастравии ҷинояткории ювеналӣ ва коҳиши такрори ин ҷиноятҳо дар байни ҷавонони то 18 –сола, диққати ҷиддӣ ба кӯдак, эътинои самаранок ба талаботи ҳар як кӯдак мебошад.

Меҳнати кӯдак самти асосии фаъолияти **ЮНДАФ дар Тоҷикистон (солҳои 2010–2015)** дар чорчӯби Натиҷаи 1.4.1. «Қонунгузории миллӣ, сиёсат ва механизмҳои пиёдасозӣ дар мувофиқат бо стандартҳои байналмилалӣ, хусусан оид ба масоили меҳнати кӯдак ва хушунату зӯроварӣ дар оила ва муассисаҳо, аз ҷумла Конвенсияи СБМ № 182», инчунин дар чорчӯби Натиҷаи 1.4.2. «Стандартҳои байналмилалии мониторинг ва таҳлили ҳолати баробарии гендерӣ, вазъи бачаҳо – маъюбони меҳнати кӯдак, вазъи гурезаҳо» ба чорчӯби омори миллӣ ҳампайванд (ҳамгиро) мешаванд.

[4] Баробар ба 67, 415 доллари ИМА тибқи курси мубодилаи асъори СММ дар моҳи январи соли 2011, 1 доллари ИМА=4, 45 сомонӣ.

# ГУСТАРИШИ МАНБАИ ДОНИШ ОИД БА ШАКЛҲОИ БАДТАРИНИ МЕҲНАТИ КӮДАК

Афзунсозии иқтидор ва фаъолият оид ба зиёдшавии огаҳӣ дар бораи мушкилоти меҳнати кӯдак ба ин ҳуҷҷатҳое ки дар поён оварда мешаванд – санадҳо, матлабҳои чопшуда ва дигар маводи аз сӯи шарикони СБМ-БББМК дар кишвар таҳиягардида, инчунин матолиби мавҷудаи СБМ-БББМК, ки ба забонҳои русӣ ва тоҷикӣ тарҷума гардида ба шароити талаботи маҳал мутобиқ кунонида шудаанд, асос ёфта буданд.

- СБМ/ АСТЕМР, СБК: «Барҳам додани меҳнати кӯдак: Дастурамал барои корфармоён». Женева, СБМ, 2008. www.ilo.org/public/english/dialogue/actemp/whatwedo/projects/cl/index.htm. Дастурамал ба забонҳои англисӣ, фаронсавӣ, испанӣ, индонезӣ, муғулӣ ва русӣ дастрас аст.
- СБМ / ACTRAV: «Иттифоқҳои касаба ва меҳнати кӯдак». Душанбе, СБМ, 2006. Ба забони русӣ тарҷума шудааст.
- СБМ-БББМК: «Маҷмӯаи матолиби омӯзишӣ оид ба барҳам додани меҳнати хатарноки кӯдак дар хоҷагии қишлоқ», Душанбе, СБМ, с. 2010. Ба забони русӣ тарҷума ва ба шароити маҳал мутобиқ гардонида шудааст.
- СБМ-БББМК: «Дастурамал оид ба мониторинги меҳнати кӯдак». Душанбе, 2010. Соли 2010 ба забони русӣ тарҷума шудааст.
- СБМ-БББМК: Дастурамал «Меҳнати бехатар барои ҷавонон». СБМ, 2012. Ба забони русӣ тарҷума шудааст.
- Дастурамал «Ташкил намудан ва гузаронидани мониторинги меҳнати кӯдак дар Тоҷикистон». Душанбе, СБМ. Дастурамалро коршиноси мустақил барои СБМ-БББМК таҳия намудааст.
- «Қоидаи равиши кори ассотсиатсияҳои корфармоёни Тоҷикистон барои барҳам додани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдак дар хоҷагии қишлоқ». Душанбе, СБМ, с. 2012.
- Дастурамал оид ба мониторинг ва ҳисоботдиҳӣ дар бораи баҳрагирандагони бевосита (кӯдакон), ки аз тарафи лоиҳаҳои СБМ-БББМК дастгирӣ мебинанд. С. 2012.
- Дастурамал ҳо оид ба таҳсилоти ғайрирасмӣ. Ба забонҳои русӣ ва тоҷикӣ. С. 2012.

Бо дархости Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **Хулосаи таҳқиқи миллии меҳнати кӯдак** бо дастгирии барномаи БББМК оид ба иттилооти оморӣ ва мониторинг дар масоили меҳнати кӯдак (БМИОМК) дар солҳои 2012–2013 гузаронида шуд. ТМК маҷмӯи маълумот ва мушаххасотро оид ба характеристикаи демографӣ ва иҷтимоиву иқтисодии ҳамаи кӯдакони синни 5–17[5], инчунин иттилои заруриро оид ба фаъолияти кӯдакон, аз ҷумла дар бораи омӯзиш ё таҳсилот, фаъолияти иқтисодӣ ва ғайриқтисодии онҳо пешниҳод мекунад.

[5] Гурӯҳи синнии мақсаднок тибқи чунин маҳак (меъёр) интихоб шуда буд: а / ҳадди болоии синн: Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак (1989) ва Конвенсияи СБМ аз соли 1999 дар бораи шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдак (№ 182), ки дар ин санадҳо одамони то 18 – сола кӯдак ҳисобида мешаванд, б/ ҳадди поёнии синн: панҷ сол ба он сабаб интихоб шуда буд, ки дар бораи кӯдакони синни то таҳсилоти ҳатмӣ иттилоъ ҷамъоварӣ карда шавад. Аммо бо мақсади боло бурдани самарнокии иқтисодӣ дар ҷамъоварии маълумотҳо, дар бораи кӯдакони то панҷсола бо сабаби хеле кам будани ҳодисаҳои кор кардани бачаҳо дар ин синн маълумот ҷамъоварӣ нашудааст.

# ТАҚВИЯТИ НЕРУМАНДИИ ШАХСОНИ МАНФИАТДОР (АЛОҚАМАНД)

### Рушди иқтидори сохторҳои ҳукуматӣ

- Бахши мониторинги меҳнати кӯдак соли 2009 дар назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии (ВММША) Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта буд. Бахш масъули ба вуҷуд овардани сохтори васеи ташкилии мониторинги меҳнати кӯдак, муайянсозӣ ва тарҳрезии чораҳои ҷавобӣ дар мавриди меҳнати кӯдак мебошад. Ҷараёни банақшагирӣ ва идорасозӣ дар ҳамкории зич бо Шӯрои миллии ҳамоҳангсозӣ оид ба барҳам додани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдак ба амал меояд. Бахши мониторинги меҳнати кӯдак ҳамкории зичро бо ниҳодҳо – аъзои Шӯрои миллии ҳамоҳангсозӣ идома медиҳад.
- 38 нафар кормандони ВММША дар Семинари миллии дурӯза оид ба бахши ММК ширкат намуданд. Курс дар асоси Китоби ёрирасони дарсӣ оид ба масоили мониторинги меҳнати кӯдак ва матолиб барои Семинари миллӣ оид ба мониторинги меҳнати кӯдак баргузор гашт. Мақсади курс баланд бардоштани дониш оид ба бахши мониторинги меҳнати кӯдак, афзунсозии нерумандӣ ва ташвиқу тарғиби кормандони ВММША барои дастгирии мониторинги меҳнати кӯдак дар сатҳҳои миллӣ ва маҳаллӣ буд.
- 10 нафар кормандони ВММША дар курси серӯзаи омӯзишӣ оид ба мубориза алайҳи хариду фурӯши кӯдакон бо мақсади истисмори меҳнатӣ, шаҳвонӣ ва дигар шаклҳои истисмор, ширкат намуданд. Мақсад баланд бардоштани дониши ширкаткунандагони курс оид ба масоили падидаи номатлуб -хариду фурӯши кӯдакон бо мақсади истисмори меҳнатӣ, шаҳвонӣ ва дигар шаклҳои истисмор мебошад. Омӯзиш барои ҷалб намудани таваҷҷуҳ ба ниёзҳои Ҳукумат дар сатҳи сиёсат ва фарогирӣ, таъмини дастгирии он дар гузаронидани фаъолият оиди тақвияти нерумандӣ дар муқобилият ба хариду фурӯши кӯдакон бо мақсади истисмори меҳнатӣ, шаҳвонӣ ва дигар шаклҳои истисмор, баргузор гардид. Семинар дар сатҳҳои миллӣ ва минтақавӣ барои шахсони асосии манфиатдор (алоқаманд) ихтисос дода шуд.
- Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии СБМ-БББМК оид ба меҳнати кӯдак сайти миллӣ боз намуд ва кори ин сайтро www.no-childlabour.tj Маркази миллии таълими калонсолон дар назди ВММША мебарад. Иттилооти он мунтазам илова ва нав карда мешавад.




Сафари омӯзишӣ ба Тоҷикистон – ба мавзеъҳои амали Системаи мониторинги меҳнати кӯдак, ки барои шарикони БББМК аз Озарбойҷон, Қазоқистон ва Қирғизистон ташкил карда шудааст. Душанбе, с. 2013.

### Рушди иқтидори ташкилотҳои корфармоён

- Курси омӯзишӣ оид ба омодасозии тренерон дар мавзӯи «Барҳам додани меҳнати кӯдак дар соҳаи хоҷагии қишлоқ» баргузор гардид. Дар он диққати асосӣ ба пахтакорӣ нигаронида шуда буд. Мақсади асосии курси омӯзишӣ таъсиси гурӯҳи пилотии (озмоишии) тренерон ва гузаронидани тренинг барои онҳо оиди масоили барҳам додани меҳнати кӯдак дар соҳаи хоҷагии қишлоқ буд. Курс аз тарафи мутахассиси БББМК аз мақарри СБМ дар Женева, оиди шаклҳои хатарноки меҳнати кӯдак гузаронида шуд.
- 200 сардори хоҷагиҳои синнашон 28– 0 – сола аз 4 минтақаи Тоҷикистон оиди масоили мубориза алайҳи шаклҳои хатарноки меҳнати кӯдак дар соҳаи хоҷагии қишлоқ омӯзиш диданд.
- Маркази манобеъ оид ба барҳам додани меҳнати кӯдак дар хоҷагии қишлоқ соли 2009 таъсис дода шуд. Марказ иттилоъро дар бораи шаклҳои хатарноки меҳнати кӯдак дар соҳаи хоҷагии қишлоқ дар Тоҷикистон ҷамъоварӣ ва паҳн мекунад, масъалаҳои меҳнати кӯдакро тавзеҳ медиҳад (корҳои фаҳмондадиҳӣ), бо иштироки аъзои иттиҳоди корфармоён курсҳо ва семинарҳои омӯзишӣ ташкил мекунад.
- «Кодекси равиши кор барои барҳам додани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдак дар хоҷагии қишлоқ» таҳия ва бо 100 роҳбари ассотсиатсияҳои фермерҳо аз сӯи Раиси Шӯрои директорони Иттиҳодияи корфармоёни Тоҷикистон муҳокима шуд.

### Рушди иқтидори иттифоқҳои касаба

- Курси омӯзишӣ оид ба омодасозии тренерҳо дар мавзӯи «Барҳам додани меҳнати кӯдак дар соҳаи хоҷагии қишлоқ» баргузор шуд. Дар курс диққати асосӣ ба соҳаи пахтакорӣ дода шуд. Дар соли 2009 курси омӯзиширо мутахассиси БББМК аз мақарри СБМ дар Женева, оид ба шаклҳои хатарноки меҳнати кӯдак барои мутахассисони панҷ иттифоқҳои касаба гузаронд. Мақсади асосии курси омӯзишӣ иборат аз ташкил намудани гурӯҳи пилотии (озмоишии) тренерон ва баргузории тренинг барои онҳо оиди масоили барҳам додани меҳнати кӯдак дар соҳаи хоҷагии қишлоқ, расонидани кумак ба онҳо дар таҳияи барномаҳои омӯзишииояндаашон буд.
- Тренингҳои омӯзишӣ барои кумитаҳои волидони мактабҳои миёнаи вилояти Хатлон оид ба пешгирии меҳнати кӯдак дар майдонҳои пахта соли 2007 аз тарафи Федератсияи Иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон барои 300 раиси кумитаҳои падару модарон аз 100 мактаб дар 10 ноҳияи пахтакор дар доираи Барномаи амалиёти аз тарафи СБМ-БББМК дастгирӣ гардида, гузаронида шуд.
- 180 раиси кумитаҳои иттифоқҳои касабаи комплекси агросаноатии ноҳияҳои пахтакори вилояти Хатлон (ноҳияҳои Вахш ва Колхозобод) бо иштироки мутахассисони Федератсияи Иттифоқҳои касабаи мустақил омӯзиш дидаву омода шуданд. Тренинг дар асоси маҷмӯи дарсии СБМ –БББМК «Маҷмӯаи маводи манобеии тренингҳо оид ба барҳам додани шаклҳои хатарноки меҳнати кӯдак дар хоҷагии қишлоқ» дар чорчӯби Барномаи Амалиёт, ки аз тарафи СБМ-БББМК дастгирӣ ёфт, гузаронида шуд.
- Кумитаи миллии кормандони иттифоқҳои касаба, кооперативҳои матлубот ва шаклҳои дигари соҳибкорӣ дар бобати боло бардоштани сатҳи огаҳӣ фаъолият бурданд, оид ба афзунгардонии иқтидор оид ба масоили меҳнати кӯдак барои 65 фаъоли иттифоқи касаба ва 35 узви маъмурият ва идораи шаш бозори калонтарин Душанбе (Корвон, Шоҳмансур, Деҳқон, Саховат, Баракат, Қарияи боло) курсҳои омӯзишӣ ташкил карданд. Дар Федератсияи Иттифоқҳои касабаи мустақил (дар дафтари марказӣ) бо дастгирии СБМ-БББМК зершуъба оид ба масоили меҳнати кӯдак дар назди шуъбаи ҳифзи меҳнат таъсис дода шудааст. Зершуъба – вазифаи марказро оид ба масоили меҳнати кӯдак барои иттифоқҳои касаба иҷро мекунад ва чораву тадбирҳои иттифоқҳои касабаро оиди барҳам додани меҳнати кӯдак дар Тоҷикистон ҳамоҳанг месозад.

# БОЛО БУРДАНИ САТҲИ ОГАҲӢ ДАР МАСЪАЛАҲОИ МЕҲНАТИ КӮДАК ВА ПАХШИ ИТТИЛОЪ

## Рӯзи ҷаҳонии мубориза алайҳи меҳнати кӯдак – 12 июн

СБМ-БББМК аз соли 2005 ҳамасола маъракаҳое доир мекунад, ки ба боло бурдани дараҷаи иттилоънокӣ дар бораи меҳнати кӯдак нигаронида шудаанд.

Мавзӯи Рӯзи ҷаҳонии мубориза алайҳи меҳнати кӯдак дар соли 2008 «Таҳсилот: посухи мувофиқ ба меҳнати кӯдак» буд. Рӯзи умумиҷаҳонии мубориза алайҳи меҳнати кӯдак аз сӯи ташкилоти ширкати миллӣ дар қисмати шимоли мамлакат таҷлил гардид. Беш аз 400 кӯдаки вилояти Суғд дар ин маърака ширкат намуд. Онҳо бо воситаи расмҳои кашидаашон, ҳунарнамоиашон, дар доираи мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ муқобили меҳнати кӯдак баромад карданд.

Мавзӯи асосии Рӯзи ҷаҳонии мубориза алайҳи меҳнати кӯдак 12 июни соли 2009 ин унвонро дошт: «Ба духтаракон имконият диҳед – ба меҳнати кӯдак хотима гузоред!» Ба духтараконе, ки кор мекунанд, бахшида шуда буд. Маъракаи миллии иттилоотию тавзеҳӣ якҷоя бо Ассотсиатсияи фермерҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Иттиҳоди корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВМКБ ташкил карда шуд.

Мавзӯи асосии Рӯзи ҷаҳонии мубориза алайҳи меҳнати кӯдак дар соли 2010 ин буд: «Аз паи мақсад бирав: ба меҳнати кӯдак хотима мебахшем». Дар доираи барномаи «Журналистони ҷавон алайҳи меҳнати кӯдак» чор репортажи телевизионӣ оид ба ин мавзӯъ омода гардид. Барои 10 нафар журналистони ҷавон семинари панҷрӯза гузаронида шуд, ду барномаи радиоӣ дар мавзӯи «Ҳуқуқи бачаҳо ва меҳнати кӯдакон» дар мавҷ садо дод, нишасти матбуотӣ дар мавзӯи «Меҳнати кӯдак ва оқибатҳои он барои мамлакат» баргузор гашт.

Мавзӯи асосии Рӯзи ҷаҳонии мубориза алайҳи меҳнати кӯдак дар соли 2011 чунин буд: «Диққат! Кӯдакон дар корҳои хатарноканд!» Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар мавзӯи мубориза алайҳи шаклҳои хатарноки меҳнати кӯдак ва мусоидати дастовардҳои мақсади глобалии барҳам додани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдак суҳбати «мизи гирд» ташкил кард.

Мавзӯи асосии Рӯзи ҷаҳонии мубориза алайҳи меҳнати кӯдак дар соли 2012 «Барои ҳуқуқи инсон ва адолати иҷтимоӣ! Меҳнати кӯдакро барҳам медиҳем!» унвон дошт. Рӯзи ҷаҳонӣ дар ҳамкорӣ бо Ҳукумати шаҳри Душанбе, Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак, ширкати мобилии «Мегафон»таҷлил гардид. Онҳо маъракаи ҷамъиятӣ ва «мизи гирд» дар мавзӯи «Ҳуқуқи кӯдакон ва адолати иҷтимоӣ. Ба меҳнати кӯдак дар Тоҷикистон хотима бахшида шавад!» баргузор намуданд.




Маъракае, ки ба Рӯзи ҷаҳонии мубориза алайҳи меҳнати кӯдак бахшида шудааст. Душанбе, с. 2012.

# ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БЕВОСИТА БА КӮДАКОНИ КОРГАР ВА КӮДАКОНЕ, КИ БО ХАТАРИ ҶАЛБШАВӢ БА МЕҲНАТИ КӮДАК МУВОҶЕҲАНД

Барномаи СБМ-БББМК барои кӯдакони коргар ва кӯдаконе, ки бо хатари ҷалбшавӣ ба меҳнати кӯдак мувоҷеҳанд, имкони ба онҳо расонидани хизматҳои бевоситаро (мустақимро) фароҳам меоварад. Дар доираи барномаҳои СББМК бачаҳо соҳиби маълумоти расмӣ ва ғайрирасмӣ, маълумоти касбию техникӣ гаштанд, ба онҳо маслиҳату тавсияҳо дода шуд, таълим гирифтанд, дар ҷойи кор омӯзиш диданд, барои онҳое, ки ба синни қонун муайяннамудаи бо кор таъминкунӣ расидаанд, имкони корёбӣ пайдо гардид. Ғайр аз ин, аъзои оилаҳои кӯдаконе, ки машғули коранд, ба Маркази бо кор таъминкунӣ фиристода шуданд. Дар он ҷо ба онҳо касб омӯзонида, бо роҳхат ба кор равона карда шуданд, инчунин онҳо барои равнақи коре, ки бо он машғуланд, асбобу олати корӣ гирифтанд. Дар дарсҳои машваратӣ оиди хавфу хатарҳои вобаста ба меҳнати кӯдак дар шаҳру ноҳияҳо ширкат намуданд.

Дар доираи хизматрасониҳои бевосита аз соли 2009 дар асоси озмоишӣ Системаи Мониторинги меҳнати кӯдак (СММК) амал мекунад. Натиҷаҳои асосии он инҳоянд:

- Бахши мониторинги меҳнати кӯдак дар Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омодасозии сохтори ташкилии густардаи мониторинги меҳнати кӯдак, муайян намудан, тарҳрезии чораҳои ҷавобии мураттабу мунтазам ба меҳнати кӯдак таъсис ёфт.
- Китоби ёрирасон оид ба мониторинги меҳнати кӯдак ва хулосаи таҳқиқи меҳнати кӯдак ба забони русӣ тарҷума ва чоп гардида, дар сатҳи миллӣ паҳн карда шуданд.
- Дастурамалҳои миллӣ оид ба бахши мониторинги кӯдак дар Тоҷикистон таҳия гардида, аз тарафи Шӯрои миллии ҳамоҳангсозӣ оид ба барҳам додани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдак ва БББМК тасдиқ карда шуданд.
- 39 дастаи бисёрсоҳаи нозирон ташкил шуда оид ба ошкорсозӣ ва баҳодиҳӣ ба вазъияти меҳнати кӯдак омӯзиш диданд.
- Аъзои Шӯрои Миллии ҳамоҳангсозӣ оид ба барҳам додани меҳнати кӯдак дар семинари дурӯза оид ба СММК омӯзиш диданд. Онҳо дониши худро оид ба меҳнати кӯдак васеъ намуданд, барои намояндагони муассисаҳои ҳукуматӣ, шарикони иҷтимоӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ Ҷадвали миллии ҳамоҳангсозиро дар бораи ММК тартиб доданд.
- 120 муаллим аз ноҳияҳои дар назар дошташуда дар чор семинари якрӯза оиди мавзӯи меҳнати кӯдак, СММК, маълумоту таҳсилоти ғайрирасмӣ ва SCREAM омӯзиш диданд.
- 250 волиди кӯдакони коргар оиди баланд бардоштани сатҳи огаҳӣ дар бораи меҳнати кӯдак ва оқибатҳои он дарсҳои иттилоотӣ гузаштанд. Инчунин ба онҳо дар бораи оқибатҳои меҳнати кӯдак, хизматрасониҳои иҷтимоии мавҷуда (аз ҷумла кумакҳои иҷтимоие, ки ба онҳо ҳақ доранд), маслиҳатҳо дода шуд.
- Дар назди шуъбаҳо оид ба ҳуқуқи кӯдакони шаҳрҳои Душанбе ва Исфара ду кумитаи СММК (ҳар яке бо 20 нафар аъзо) бо иштироки шахсони асосии манфиатдор таъсис ёфт. Кумитаҳо рафти корро назорат мекунанд ва дастурамали техникиро дар вақти мониторинг пешниҳод месозанд, дар бораи равонасозии кӯдакони маълумкардашуда ба хадамоти лозима, ки бо хатари машғул шудан бо меҳнати кӯдак мувоҷеҳанд ё ба ШБМК ҷалб шудаанд, қарор қабул мекунанд.
- Манбаи маълумотҳо дар бораи меҳнати кӯдак омода шудааст ва мунтазам аз тарафи мушовир дар асоси иттилои ҷамъовардаи дастаҳои бисёрсоҳа ва аз тарафи кумитаҳо

оид ба ММК ба қайд гирифташуда нав мегардад (бо дарбаргирии манбаи маълумотҳои DBMR дар бораи хизматҳои расонидашуда ва маълумотҳо дар бораи беҳтаршавии вазъияти кӯдакони алоҳида).

- Мадракҳои (сертификатҳои) давлатӣ дар бораи маълумоти касбӣ баъди хатми курсҳо расман ба 71 кӯдак дода шудаанд. Бачаҳо курсҳои дӯзандагӣ, қаннодӣ, сантехникҳо ва омӯзиши компютерро хатм кардаанд. Ғайр аз ин дар курсҳои маълумоти касбӣ 110 кӯдак дар бораи омӯзиши малакаҳои зиндагӣ мадрак гирифтанд.
- 62 кӯдак дар доираи дарсҳои таҳсилоти ғайрирасмӣ омӯзиш диданд (45 дақиқа/дарс панҷ рӯз дар як ҳафта).
- 73 нафар аз меҳнати кӯдак берун оварда шуданд ва ба меҳнати кӯдак дохил шудани 109 нафар тавассути хизматрасониҳои таҳсилотӣ пешгирӣ гардид.
- 8 мисоли таҷрибаи пешқадам дар бахши мубориза алайҳи меҳнати кӯдак омӯхта шуда, хулоса гардида ҳуҷҷатнок карда шуданд.
- Дар соли 2012 – 2013 барномаи амалиёти «Пешравии шуғли ҷавонон тавассути системаи мониторинги меҳнати кӯдак дар ду ноҳияи пилотии (озмоишии) Тоҷикистон» иҷро мешуд. Он 50 кӯдаки коргари аз 15 то 17-соларо фаро гирифт. Ҳадафи барнома таҳкими сохтори ниҳодии СММК, қавигардонии нерумандӣ ва дохил намудани масъалаҳои бо кори бехатар таъминкунии ҷавонон ба нақшаҳои дарсии маълумоти касбию техникии Маркази миллии таълими калонсолон дар назди ВММША, озмоиши СММК бо таъкид ба пешравии шуғли ҷавонон, меҳнати шоиста дар ду ноҳияи озмоишӣ (шаҳрӣ ва ноҳиявӣ), хизматрасонии бевосита ба кӯдаконе, ки ба синни қобили меҳнат расидаанд ва ба меҳнати хатарноки кӯдак ҷалб шудаанд, инчунин кӯдаконе, ки таҳти хатари меҳнати хавфноки кӯдак қарор доранд, боло бурдани дараҷаи огаҳии волидон дар бораи меҳнати хатарноки кӯдакмебошад.



Омӯзиши касбӣ дар доираи СММК дар Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

# ҶОНИБҲОИ МАНФИАТДОР ВА ШАРИКОНИ СБМ-БББМК ДАР САТҲИ МИЛЛӢ

## Ҳукумат

- Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шуъбаи ҳифзи иҷтимоӣ, шуғл ва муҳоҷират
- Комиссия оид ба ҳуқуқи инсон дар назди Ҳукумати Тоҷикистон
- Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Комиссияи байниидорӣ оид ба пешгирии хариду фурӯши одамон
- Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ
- Вазорати маориф ва илми ҶТ
- Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ
- Вазорати адлияи ҶТ

## Шарикони иҷтимоӣ

- Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Иттиҳоди корфармоёни Тоҷикистон

## Созмонҳои ҷамъиятӣ

- «Мадина»
- «Аврора»
- «Ҷавонони асри 21»
- «Ҷавонон ва тамаддун»
- «Гурезаҳо, кӯдакон ва шаҳрвандони осебпазир»
- «Даст ба Даст»
- «Само»
- «Хонаи ҷавонон»
- Маркази ҷумҳуриявӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ
- Ассотсиатсияи миллии соҳибкории хурду миёна
- Созмони ҷамъиятии «Насли наврас»
- Ассотсиатсияи миллии SIYB
- Маркази дастгирии барномаҳои маърифатӣ «Набз»
- Маркази иттилоотӣ ва машваратӣ оид ба масоили меҳнат
- Бюро оид ба ҳуқуқи инсон
- Марказ оид ба ҳуқуқи кӯдак

# ЧОРАВУ ТАДБИРҲОИ МИНБАЪДА

### Баҳампайвастагии меҳнати кӯдак ва шуғли ҷавонон

Гарчанд меҳнати кӯдак норавост ва ғайри қобили қабул асту бояд барҳам дода шавад, беэътиноӣ ба неруи ҷавонон ва нодида гирифтани он метавонад ба талафоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ оварад, ки инро кишварҳо роҳ дода наметавонанд. Агар ин мушкилот ҳал нагардад, он вақт бӯҳрони ҳозира ба вазъи бачаҳо ва ҷавонон таъсири манфӣ хоҳад расонд. Ин ҳолат метавонад кишварҳо, сармояи инсонии онҳоро дучори хатар созад ва зарари оқибатҳои нохуби тӯлонии он ба иқтисодиёти кишварҳои минтақаи мо расад.

Барои ҳалли самараноки масоили кӯдак ва шуғли ҷавонон баҳампайвастагии ин ду самтро бояд ба ҳисоб гирифт. Дар ин ҷо муносибати ҷомеъ (комплексӣ) зарур аст, ки стратегияҳои дурусту оқилонаро тарҳрезӣ созад. Гузариши мавзун аз мактаб ба кор аз омодагии муносиб ба бозори меҳнат шурӯъ мешавад. Аз ин сабаб стратегияи васеъкунии имкониятҳои шуғли одамони ҷавон бояд бо кӯшишҳое, ки ба барҳам додани меҳнати кӯдак ва беҳтаршавии дурнамои шуғли калонсолон равона мегарданд, пурра гардонида шаванд.

### Баҳампайвастагии меҳнати кӯдак ва ҳифзи иҷтимоӣ

Дар радифи стратегияҳои васеи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба вуҷуд овардан ва мустаҳкам намудани ҳифозат ҷиҳати дастгирии ниёзмандон калиди муҳимест дар коҳиши сатҳи камбизоатӣ. Агар ҳифзи иҷтимоӣ бештар ба некуаҳволии кӯдакон равона гардад, ин на танҳо барои бачаҳо, балки барои оилаҳои онҳо, ҷомеаҳо ва куллан ба кишвар ҳам манфиат оварда метавонад.

Дар асоси иқдоми СММ – ҳуҷҷати ба наздикӣ қабулнамудаи он оид ба ҳифзи иҷтимоӣ, ки ҳадафаш дастрасӣ ёфтани аҳолии камбизоат ва осебпазир ба хизматрасониҳои зарурӣ ва кумакҳои иҷтимоӣ аст, пайвастани ҳифзи иҷтимоӣ бо сиёсате, ки ба барҳамдиҳии меҳнати кӯдак равона шудааст, хеле муҳим мебошад. Василаҳои ҳифзи иҷтимоӣ метавонанд чунин тадбиру чораҳоро дар бар гиранд: таъйини кумакҳои пулӣ, хидматрасонӣ ва кумакпулӣ барои нигоҳубини кӯдакон, барномаҳои бехатарии озуқаворӣ, грантҳои мактабӣ, барномаҳои хӯроки гарми мактабӣ, дигар барномаҳои ёрии иҷтимоӣ.

Барномаи байналмилалии СБМ оид ба барҳам додани меҳнати кӯдак ба Ҳукумати Ҷумҳурии Федеролии Олмон барои ёрии молӣ, ба Ҳукумати Тоҷикистон, ширкаткунандагони сеҷонибаи СБМ, созмонҳои байналмилалӣ ва созмонҳои ҷамъиятии маҳаллӣ барои саҳми онҳо дар барҳам додани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдак дар Тоҷикистон миннатдории худро баён мекунад.

Барномаи байналмилалӣ оид ба барҳам додани меҳнати кӯдак (БББМК)
Созмони байналмилалии меҳнат (СБМ)
хиёбони Мориллон, 4, CH-1211, Женева 22, Швейтсария
www.ilo.org/ipec
e-mail: ipec@ilo.org

Нишонӣ барои тамос ҷиҳати дарёфти иттилоот
Дафтари СБМ дар Тоҷикистон
Бинои СММ
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734024, ш. Душанбе,
хиёбони Айнӣ, 39
Тел: (992 44) 6005596, 6005597
E-mail: khosabekova@ilo.org